Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

27 май соли 2023 Шанбе № 42 (14949)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ИСЛОҲОТ БА ШУКУФОИИ МАМЛАКАТ ВА НЕКУҲОЛИИ АҲОЛӢ МУСОИДАТ МЕКУНАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 26 май аз ноҳияи Чилонзори шаҳри Тошканд ба мақсади шинос шудан бо лоиҳаҳое, ки дар соҳаи саноат ва нақлиёти ҷамъиятӣ татбиқ мешаванд, чараёни корҳои созандагӣ дар маҳаллаҳо боздид ба амал овард.**



Дар ибтидо роҳбари давлат бо фаъолияти корхонаи Минтақаи саноатии Чилонзор дар шаҳри Тошканд шинос шуд.

Имрӯз дар ин минтақаи саноатӣ 510 корхона амал мекунанд, истеҳсолоти нав сохта мешаванд.

Чунончи, як корхонаи саноати хӯроквории соле 7 ҳазор тонна маҳсулот, аз ҷумла 10 намуди чипс тайёр мекунад. Ба наздикӣ давраи дуюми лоиҳа ба кор сар хоҳад кард, ки имкон медиҳад номгӯйи маҳсулот зиёд гардад.

Корхонаи мебелсозие, ки дар ин ҷо фаъолият дорад, ҳар сол 2 миллион метри мураббаъ панелҳои чӯбӣ истеҳсол менамояд, ки қисмати зиёди онҳо воридотӣ мебошанд.

Дар комбинати хӯроки функсионалӣ истеҳсоли маҳсулоти қаннодии йоддор бо иқтидори соле 5 миллион баста ба роҳ монда шудааст. Пешбинӣ мегардад, ки 30 фоизи маҳсулот ба содирот бароварда шавад.

Роҳбари давлат ҷараёни технологии корхонаро тамошо кард. Президент ба самти нодири ҳар кадом истеҳсолот эътибор дод, зарурияти созмон додани чунин иқтидорҳоро дар тамоми минтақаҳо таъкид намуд. Муҳимияти маҳсулоти хӯроквории йоддор барои саломатии аҳолӣ қайд карда шуд. Президент супориш дод, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории бо йод омехта зиёд карда шавад.

Дар ҳамин ҷо муаррифии нақшаҳо бобати рушди саноат дар ноҳияи Чилонзор баргузор гардид.

– Ноҳияи Чилонзор дорои инфрасохтори бузург мебошад, дар ин ҷо бисёр биноҳои истифоданашаванда ва дастрасии кафолатнок ба захираҳои энергетикӣ мавҷуданд. Танҳо дастгирии молиявии соҳибкорон зарур аст, бояд технологияи хориҷӣ оварда шаванд ва Чилонзор ба майдони бузурги саноатӣ табдил ёбад, – гуфт Президент.

Роҳбари давлат махсус зикр намуд, ки лоиҳаҳои иқтисодӣ бояд самараи иҷтимоӣ дошта бошанд. Зарурияти ба соҳибкорон кумакрасонӣ бобати инкишоф ва вусъат додани фаъолияти онҳо таъкид карда шуд, то ки тавонанд дар кам кардани нодорӣ ва баланд бардоштани шуғл дар маҳаллаҳо саҳм гиранд.

Бинобар бо кор таъмин кардани 3 ҳазор шаҳрвандони камтаъмин ва 10 ҳазор бекорони ноҳия, аз ҷумла аз тариқи барномаи наве, ки ба қарибӣ қабул гардид, вазифа гузошта шуд.

Президент ҳамчунин аз намоишгоҳи молҳое, ки корхонаҳои ноҳияи Чилонзор истеҳсол мекунанд, боздид ба амал овард.

Пас аз ин сарвари давлат аз хиёбони автобусҳои рақами 7-уми ҷамъияти саҳҳомии «Тошшаҳартрансхизмат» боздид ба амал овард.

Ҳар як масъалаи вобаста ба ҳаёти ҳамарӯзаи аҳолӣ таҳти эътибори доимии давлат қарор дорад. Аз ҷумла, бинобар афзудани талабот низоми нақлиёти ҷамъиятӣ низ инкишоф меёбад.

Тӯли солҳои охир шаҳри Тошканд бузургтар шуд. Шумораи сокинони доимӣ ва муваққатӣ, сайёҳон, донишҷӯён афзуд. Агар пештар 800-900 ҳазор мусофирони шаҳр аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода мебурданд, алҳол ин рақам аз 1 миллиону 300 ҳазор гузашт. Бинобар ҳамин ҳам мушкилоти норасоӣ ва муддати тӯлонӣ интизоршавии автобусҳо ба миён омаданд.

13 декабри соли гузашта роҳбари давлат аз хиёбони автобусҳои рақами 18-уми пойтахт боздид ба амал овард ва шахсан бо вазъи кор шинос гардид, барои хариди автобусҳои нав, фароҳам овардани шароитҳои хуб барои сафариён супоришҳо дод. Дар асоси он 16 феврали соли равон қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои ислоҳсозии низоми нақлиёти ҷамъиятӣ» қабул гардид. Дар ҷараёни боздиди кунунӣ Шавкат Мирзиёев бо рафти иҷрои вазифаҳои пешгузошташуда шинос шуд.

Моҳҳои апрел-май ба шаҳри Тошканд 755 адад автобусҳои замонавӣ оварда, ба хатсайрҳои сермусофиру сераҳолӣ гузошта шуданд. Дар натиҷа миқдори ҳаррӯзаи автобусҳо ба 1400 адад расид, 9 хатсайри иловагӣ боз гардиданд. Рӯзҳои наздик боз 245 адад автобус харид мешавад.

Аз ҷумла хиёбони рақами 7-уми автобусҳо то ба наздикӣ рӯзе дар 18 хатсайр ба 90 ҳазор мусофирон хидмат мерасонид. Ба наздикӣ хиёбони мазкур дорои 67 адад автомобилҳои нав шуд. Табиист, ки иқтидори мусофиркашонӣ зиёд гардид, масофаи ҳаракати автобусҳо кам шуд.

Шахсони масъул дар бораи бозсозии Нақшаи генералии нақлиёти шаҳри Тошканд маълумот доданд. Қайд гардид, ки он дар асоси таҳлили вусъати шаҳр ва афзудани мусофирон коркард шудааст ва 167 хатсайрро дар бар мегирад. Дар 17-тои онҳо тартиби муайянкунии нақшаи шабонарӯзӣ бекор карда, ин хатсайрҳо ба низоми ҳисобу китоб мувофиқи масофаи тайшуда гузаронида шуданд. Моҳҳои июн-июл 150 хатсайри боқимонда низ аз тариқи тендерҳо ба ин низом мегузарад. Дар натиҷа низомнокии хатсайрҳо таъмин гардида, сифати хидматрасонӣ беҳтар мешавад.

Таҷрибадории ронандагон низ аҳамияти муҳим дорад. Вобаста ба ин дар Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд ва марказҳои дигари таълимӣ кори омӯзондан ва бозомӯзонии ронандагон ба роҳ монда шуд. Музди меҳнати ронандагони автобусҳо ду баробар зиёд гардид, аз оғози сол беш аз ду ҳазор ронанда ба кор қабул шуданд.

Роҳбари давлат муҳимияти ба роҳ мондани хидматрасонии босифати автобусҳоро таъкид намуд, бобати ба тартиб андохтани низоми пардохт барои сафар, рақамикунонии идораи ҳаракат ва беҳтар кардани шароит дар истгоҳҳо супоришҳо дод.

– Автобусҳои нав, бешубҳа, барои мусофирон қулаиҳои иловагӣ фароҳам оварданд, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Вазифаи минбаъда кам кардани тирбандӣ дар роҳҳо ва таъмин намудани ҳаракати озоди автобусҳо аст. То ба 2 миллион мусофир зиёд кардани фарогирии нақлиёти ҷамъиятӣ дар Тошканд мақсади ниҳоӣ ба шумор меравад.

Президент ба автобус нишаст ва бо мусофирони оддӣ бинобар хати ҳаракат сайр намуд.

Роҳбари давлат ба маҳаллаи Катта Чилонзор-3-и шаҳри Тошканд рафт.

Дар мамлакати мо тамоми барномаҳо дар маҳалла вобаста ба талаботи аҳолӣ татбиқ мешаванд. Барои ин низоми «панҷгонаи маҳалла» ҷорӣ карда шуд, ба онҳо имкониятҳои васеъ пешниҳод гардиданд. Консепсияҳои «Маҳаллаи бехавф» ва «Кӯчаи бехавф» татбиқ мегарданд. Маблағҳо барои ободонӣ бевосита ба маҳаллаҳо равона карда мешаванд.

Натиҷаи ин корро метавон дар мисоли маҳаллаи Катта Чилонзор-3 мушоҳида кард. Бинои ҷамоати шаҳрвандон, 52 адад хонаҳои бисёрҳуҷра симои замонавӣ пайдо карданд. Ҳудуд ва роҳҳои дохилӣ ба тартиб андохта шуданд. Майдонча ва боғҳои бачагона ташкил ёфтанд.

Мувофиқи лоиҳаи умумимиллии «Яшил макон» дарахт, базилик ва бархатҳо нишонда, майдонҳои сабз барпо гардиданд. Дар соҳили рӯди Анҳор, ки аз тариқи маҳалла мегузарад, пайраҳаҳои пиёдагард ва велосипедронӣ кушода шуданд. Ғайр аз ин зеристгоҳҳои электрӣ, трансформатор ва хатҳои камшиддат низ нав гардиданд.

Президент корҳои анҷомёфтаро дида, бо кормандони ҷамоати шаҳрвандон ва куҳансолон суҳбат кард.

– Тавре ки ба шумо маълум аст, тамоми корҳоро мо бевосита дар маҳалла татбиқ менамоем. Агар маҳалла обод бошад, агар оилаҳо орому фаровон зиндагӣ кунанд, пешравӣ ҳам мешаваду тараққиёт ҳам. Маҳз барои ҳамин ҳам мо ба ин идора ваколатҳои иловагӣ медиҳем. Алҳол маҳалла бобати кам кардани нодорӣ, ҳаллу фасли мушкилоти шуғл, масъалаҳои ҷавонон ва бонувон, аз ҳама муҳимаш, ҳифзи осудагии маҳалла неруи воқеӣ мегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Сокинон қайд намуданд, онҳо дигаргуниҳои дар ҳаёт ба вуқӯъ омадаро эҳсос менамоянд, ба таълим ва бо шуғл фарогирии ҷавонон эътибори махсус дода мешавад. Таъкид шуд, ки барои ободонӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоии 55 маҳаллаи Чилонзор 115 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст.

Хабар дода шуд, ки соли ҷорӣ ба 585 маҳаллаи Тошканд 351 миллиард сӯм, аз он ҷумла 35 миллиард сӯм ба маҳаллаҳои Чилонзор равона карда хоҳад шуд.

Президент ба масъалаи шуғл махсус таваққуф намуд.

– Медонед, мо дар соҳаи кам кардани нодорӣ ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ корро мувофиқи низоми нав оғоз намудем. Дар ин ҷараён соҳибкорони пешқадам назорати бекориро дар маҳаллаҳо ба зиммаи худ мегиранд. Моро зарур аст, ки дар ноҳияи Чилонзор 10 ҳазор шаҳрванди бекорро бо шуғл таъмин намоем. Умед мекунам, ки соҳибкорон ба ин масъала бо масъулият нигоҳ мекунанд, куҳансолон бошанд, бо маслиҳатҳои худ кумак мерасонанд, – гуфт роҳбари давлат.

Дар ҷараёни вохӯрӣ Президент бо ҳамватанон ошкоро ва самимона суҳбат кард.

Президент Шавкат Мирзиёев боғи маданият ва истироҳати ба номи Ғафур Ғуломи шаҳри Тошкандро зиёрат кард.

Соли 2019 боғ барои иҷора ба ширкати хориҷӣ пешниҳод шуда буд. Тӯли вақти гузашта дар ин ҷо корҳои сохтмону таъмирӣ ба маблағи 12 миллион доллар иҷро шуданд, 43 адад аттраксионҳои нав устувор гардида, беш аз 300 ҷойи корӣ фароҳам омаданд.

Агар пештар аз боғ рӯзе тақрибан 30 ҳазор меҳмонон боздид ба амал меоварда бошанд, баъди таҷдид шумори миёнаи тамошобинон то ба 60 ҳазор расид.

Роҳбари давлат боғро тамошо ва бо истироҳаткунандагон суҳбат кард. Алалхусус бо бачагон самимона мулоқот намуда, ба онҳо орзуҳои беҳтаринашро изҳор сохт.

**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ТАТБИҚСОЗИИ ЛОИҲАҲОИ БАЛАНДТЕХНОЛОГИИ ШИРКАТИ «AIR PRODUCTS»-РО ДАСТГИРӢ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 26 май сардиректори иҷрогари ширкати «AIR PRODUCTS» Сейфи Гасемиро пазируфт.**

Масъалаҳои минбаъд вусъат додани ҳамкориҳои амалӣ бо ширкатҳои машҳури америкоӣ, ки пешоҳанги ҷаҳонӣ дар самти худ, бинобар пешбурди лоиҳаҳои баландтехнологӣ дар соҳаҳои стратегии иқтисодиёти Ўзбекистон ба шумор меараванд, баррасӣ намуд.

Роҳбари давлати мо роҳбари ширкатро бинобар бомуваффақият анҷом ёфтани қарордод ва имзо шудани муоҳида оид ба хариди се дастгоҳҳои саноатии газии корхонаи «GTL» дар вилояти Қашқадарё бо ҷалби сармояҳои бевосита дар ҳаҷми 1 миллиард доллар табрик кард.

Ҳамчунин иштироки «AIR PRODUCTS» дар як лоиҳаи бузурги дигар – сохтмони маҷмӯи газу кимёвӣ бинобар технологияи МТО дар вилояти Бухоро бо сармояи на камтар аз 700 миллион доллар қайд гардид.

Ба лоиҳаҳои пешомаднок бобати рушди оксигени «сабз» дар мамлакати мо, ки дар он ширкати саудии «ACWA Power» шарики асосӣ мебошад, эътибори махсус дода шуд.

Муҳимияти тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар доираи лоиҳаҳои татбиқшаванда махсус таъкид гардид.

**ЎзА.**

## ТАШАББУСҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЎЗБЕКИСТОН КУЛЛАН МАНФИАТҲОИ МИЛЛИРО ДАРБАР МЕГИРАНД ВА БА ПЕШОМАДИ ДУР НИГАРОНИДА ШУДААНД

25 май Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба тарзи онлайн дар ҷамъомади Шӯрои олии иқтисодиёти Авроосиё иштирок карда, дар тадбири мазкур суханронӣ намуд.

Шӯрои олии иқтисодии Авроосиё – мақомоти асосии Иттиҳоди иқтисодии Авроосиё (ИИАО) буда, созмони байналхалқии қаробати минтақавии иқтисодӣ ба шумор меравад.

ИИАО ба мақсади бозсозии ҳамаҷониба, кооператсия ва баланд бардоштани рақобатбардории иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин фароҳам овардани шароит барои рушди муттасил ва манфиати боло бурдани дараҷаи ҳаёти аҳолии давлатҳои аъзои он ташкил гардида буд.

Ўзбекистон моҳи декабри соли 2020 мақоми давлати мушоҳидро дар ИИАО ба даст овардааст.

Бинобар фикру ақидаи коршиносони байналхалқӣ, ки дар ҷараёни ҷамъомад садо доданд, ташаббусҳои Президент Шавкат Мирзиёев кори сифатан навро барои вусъат додани шарикии амалии тиҷоративу иқтисодӣ дар доираи созмон ташаккул медиҳад.

**Роҳбари иттиҳоди тиҷоратии Авроосиё «ACIR SouthernEurope» Эдуардо Гулян (Испания):**



– Дар суханронии худ Президенти Ўзбекистон вазифаҳои аввалиндараҷаро бинобар ҳамкории минбаъда дар доираи ИИАО хеле дақиқ муайян кард, ў ба ҳамкорӣ дар кооператсияи саноатӣ, соҳаи нақлиёту логистика ва қаробати платформаҳои электронӣ эътибори махсус дод.

Аз ҷумла, вай зарурияти минбаъд ҳамоҳанг сохтани муносибатҳоро барои таъмин намудани рушди устувори робитаҳои иқтисодӣ таъкид намуд, эътибори ҳозиронро ба аз байн бардоштани монеаҳо ва маҳдудкунии савдои тарафайн ҷалб кард.

Мехостам ташаббуси роҳбари Ўзбекистонро бобати пурзӯр кардани кори муштарак бинобар ташаккул додани гузаргоҳҳои муқобили нақлиётӣ ва созмон додани занҷирҳои устувори логистикӣ махсус қайд намоям. Аз ҷумла, рушди хатсайрҳои байналхалқии «Шимол – Ҷануб» ва шоҳроҳҳои дигаре, ки минтақаи Осиёи Марказиро бо Чин, кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Ҷанубӣ мепайванданд.

Фикр мекунам, ин таклифи сарвари Ўзбекистон аз нуқтаи назари таҳкими минбаъдаи иқтидори содиротии Ўзбекистон ва созмон додани гузаргоҳҳои нави нақлиётӣ хеле рӯзмарра аст.

Дар Аврупо пешрафти ИИАО, мунтазам татбиқ намудани вазифаҳо оид ба ташаккул додани «чаҳор озодӣ» – озодии ҳаракати мол, хидмат, сармоя ва қувваҳои кориро бо рағбати зиёд мушоҳида мекунанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ҲОКИМ БА ВАЪДАИ ХУД ВАФО КАРД

***Дар рўзномаи «Овози тоҷик» (26.04.23. №33) «Баррасии масоили иҷтимоӣ» мақолаи Ўзбакбойи Раҳмон дарҷ гардида буд. Дар он оид ба вохўрии сайёри ҳокими ноҳияи Нурато Азамат Файзиев ва намояндагони сектори дуюм бо сарварии прокурори ноҳия Фахриддин Норов бо аҳолӣ маълумот дода будем.***

Зикр гардида буд, ки «чандин сол аст, ки аҳолии деҳаҳои Сойхурд ва Соб аз алоқаи мобилӣ ва интернет маҳруманд. Азамат Файзиев савумин ҳокими ноҳия аст, ки ин масъаларо баррасӣ мекунад. Ваъдаҳои болохонадор садо додаанд. Шояд ҳокими кунунӣ ба ваъдаи худ вафо кунад».

Дар ҳақиқат талошу дархости мардум ҷомаи амал пўшид. Дар ҳар ду деҳа алоқаи мобилӣ ва интернет ба роҳ монда шуд. Мардум аз сарсари кўҳу талу тепаҳо гаштан наҷот ёфтанд. Дар хона метавонанд бо наздикону қарибони худ дар тамос бошанд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# ТАШАББУСҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЎЗБЕКИСТОН КУЛЛАН МАНФИАТҲОИ МИЛЛИРО ДАРБАР МЕГИРАНД ВА БА ПЕШОМАДИ ДУР НИГАРОНИДА ШУДААНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мехостам махсус таъкид намоям, ки алҳол Ўзбекистон сиёсати кушоди иқтисодӣ, озодкунии савдо, бозсозии саноатро татбиқ менамояд, бинобар минбаъд беҳтар кардани иқлими сармоявӣ чораҳо андешида мешаванд. Бобати инкишоф додан ва амиқ гардондани муносибатҳои муфиди тарафайн бо ҷомеаи байналхалқӣ фаъолона кор бурда мешавад.

Ба андешаи ман, дар шароити кунунӣ, ҳангоме ки тамоми мамлакатҳо бо номураттабии бозорҳои ҷаҳонӣ ва халалдоршавии занҷирҳои ҷаҳонии боркашонӣ рў ба рў шудаанд, қарорҳои самарабахши амалӣ заруранд, ки ба ҳарчи зудтар барқарор кардани иқтисодиёт бо минбаъд таъмин намудани рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатбардории онҳо нигаронида шудаанд.

Аз ин нуқтаи назар ташаббусҳои Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев, ки дар ҷамъомади навбатии ИИАО садо доданд, фикр мекунам, саривақтӣ мебошанд ва воқеияти аҳволи иқтисодиёти ҷаҳонро инъикос менамоянд.

**Директори Маркази тадқиқотии Аврупо ва муносибатҳои байналхалқии Мактаби олии иқтисодӣ Василий КАШИН (Русия).**



– Имрўз Президент Шавкат Мирзиёев бо нутқи муҳим дар бораи рушди ҳамкории байни Ўзбекистон ва Иттиҳоди иқтисодии Авроосиё баромад кард. Вай дар чорабиниҳои иттиҳод аз замони ба сифати кишвари нозир ба ИИАО ҳамроҳ шудани Ўзбекистон мунтазам иштирок менамояд.

Роҳбари Ўзбекистон як қатор ташаббусҳоеро, ки ба рушди ҳамкориҳои тарафайн бо кишварҳои ИИАО, пеш аз ҳама, бо сабук намудани тартиботи савдо, фароҳам овардани шароит барои қатъиян зиёд кардани мубодилаи мол, сода кардани тартиботи назорати санитарӣ, додани рухсатномаҳои дахлдор ва ғайра нигаронида шудаанд, пешниҳод намуд.

Маълум аст, ки роҳбарияти Ўзбекистон барои рушди робитаҳои иқтисодӣ бо иттиҳод хеле саъй менамояд, ҳамчунин, тавре ки Президенти Ўзбекистон изҳор дошт, ба ҳамкории аъзои ИИАО бобати татбиқ намудани лоиҳаҳои пешниҳодкардаи ҷумҳурӣ оид ба инфрасохторҳои муҳими нақлиётӣ, аз ҷумла хати роҳи оҳани «Ўзбекистон – Афғонистон – Покистон» бовар дорад.

**Муовини директори Пажўҳишгоҳи Осиё ва Аврупо дар назди Донишгоҳи Малая Рой Энтони РОҶЕРС (Малайзия):**



– Ўзбекистон сиёсати кушод, барои тарафайн муфид ва пурмўҳтавои хориҷиро татбиқ мекунад, дар ин маврид вай танҳо ба манфиатҳои миллӣ такя менамояд. Ҳамчун давлати нозири ИИАО, Тошканд бинобар ташаккул додани шароитҳои мусоид, дарёфти нуқтаҳои нави рушд ва имкониятҳо барои вусъат додани муносибатҳои тиҷоратӣ ташаббусҳои мушаххасро пеш мегузорад.

Ман фикру ақидаи Президент Шавкат Мирзиёевро дар бораи он ки баробари пурзўр шудани таҳдидҳои ҷаҳонӣ, халалдоршавии ҷиддии ҳалқаҳои нақлиётиву логистикӣ, афзудани хавфи амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ ҷонибҳо бояд, беш аз пеш баҳри ҳаллу фасли вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии аъзои ИИАО саъю кўшиш намоянд, ҳамаҷониба дастгирӣ мекунам.

Тошканд дар самти бунёди гузаргоҳҳои муқобили нақлиётӣ ва пешбурди ҳалқаҳои логистикӣ низ рағбати зиёд зоҳир менамояд.

Фикр мекунам, рушди хатсайрҳои байналхалқии «Шимол – Ҷануб» ва шоҳроҳҳои дигаре, ки Осиёи Марказиро бо Чин, кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Ҷанубӣ мепайванданд, барои некўҳоливу шукуфоии минбаъдаи кишварҳои минтақа дорои ҷиҳатҳои афзалиятнок ҳастанд.

Ғайр аз ин таклиф бобати дар Ўзбекистон баргузор намудани Анҷумани аграрӣ дар шакли «ИИАО ҷамъ» бо иштироки вазирони хоҷагии қишлоқ, истеҳсолгарон ва воридгарони машҳури хўроквори барои таъмин сохтани амнияти хўроквори хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Чунин чорабиниҳо, бешубҳа, ба табодули дониш, таҷриба ва технологияи пешқадам, баргузории пажўҳишҳои муштарак ва рушди алоқаҳои кооператсионии байни вакилони тиҷорати аграрии давлатҳои аъзои ИИАО мусоидат мекунанд.

Муътақидам, ки кори қарини минбаъдаи муштараки байни давлатҳои аъзо ва нозир ба афзудани мубодилаи тарафайни мол ва ташаккул додани ҳамоҳангсозии бозори умумӣ дар соҳати созмони мазкур хидмат хоҳад кард.

**Роҳбари клуби сиёсатшиносони «Қафқози Ҷанубӣ» Илгар ВАЛИЗОДА (Озарбойҷон):**



– Таҷрибаи бисёрсолаи мушоҳидаи иқдоми сиёсати хориҷии роҳбарияти сиёсии Ўзбекистон имкон медиҳанд хулоса бароварем, ки ҳамаи онҳо қатъиян ба манфиатҳои миллӣ нигаронида шудаанд, ҳамзамон ба пешомади дур тааллуқ доранд. Бешубҳа, қарор бобати нозири ИИАО будан яке аз онҳост.

Дар ҳамоиши ИИАО роҳбари Ўзбекистон бо ташаббуси қабул кардани чораҳои муштарак доир ба амиқсозии кооператсия ва озодкунии саноат баромад кард, ки омили муҳими фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва ташаккул додани марказҳои саноатӣ дар соҳати Авроосиё ба шумор меравад.

Шубҳае нест, ки ин ташаббуси муҳим ба ташаккул додани пойгоҳи мустаҳками ҳамкориҳои дарозмуҳлати тарафайни кишварҳо дар пояи платформаҳои замонавии технологӣ, ки аз ҷониби тамоми кишварҳо қабул шудаанд, нигаронида шудааст.

Ин имкон медиҳад муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии байни кишварҳоеро, ки ба ин ҷараён ҷалб гардидаанд, фаъолтар кунад, ҳамкориҳои тарафайни онҳоро ба дараҷаи сифатан нав бардорад, рушди дарозмуҳлати иқтисодиро, ки ба тақсими самарабахши кор такя менамояд, таъмин созад.

**АИ «Дунё».**



*Кишоварзони хоҷагии фермерии «Матназаров Содиқбек», ки дар ҳудуди ҷамоати шаҳрвандони авули «Тўлқин» ҷойгир шудааст, соли ҷорӣ дар 81 гектар майдон навъи пахтаи «Султон»-ро парвариш мекунанд. Дар 23 гектар ғалла низ хуб нашъунумў меёбад. Дар 2 гектар замини хоҷагӣ боғ ташкил намуда, дар 2 гектари дигар картошка, харбуза ва тарбуз кишт намуданд. Ҳоло узви хоҷагӣ ҷиҳати ташкил намудани чорабиниҳои зарурии агротехникӣ эътибори алоҳида медиҳанд.*

***Дар сурат:*** *дар хоҷагии фермерии «Матназаров Содиқбек».*

***Аксбардор: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. (ЎзА).***

# ШИНОСОӢ БО КОРИ ФЕРМЕРОН

Ҳокими ноҳияи Узун Ҳабибулло Бозоров бо ҷонишини худ оид ба масъалаҳои хоҷагии об Н. Маҷидов бо кори фермерҳо шинос шуд. Дар рафти шиносоӣ бо корҳое, ки доир ба хоҷагии қишлоқ ба амал оварда шуда истодааст, истифода аз гўшаҳои замини корам, ғизо додани ғалла, ба амал баровардани тадбирҳои агротехникӣ доир ба парвариши пахта низ муҳокима гардид ва супоришҳои лозимӣ ба мутасаддиён ва мутахассисон дода шуд. Ҳоким бо кори роҳбари хоҷагие, ки дар заҳбури як гўшаи замин мурғобӣ парвариш мекунад, аз наздик шинос шуд.

Таклиф гардид, ки дар баробари мурғобипарварӣ моҳипарварӣ ҳам ба роҳ монда шавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

***Имсол эҷодкорони абрешими маҳину ҷилодор дар вилояти Самарқанд низ ба маъракаи кирмакпарварӣ бо тайёрии пухта пардохтаанд. Бояд таъкид намуд, ки дар биноҳои гарму офтобӣ беш аз 57 ҳазору 300 қуттӣ кирмак дар асоси қоидаҳои агротехникӣ парвариш меёбанд.***

# МАЪРАКАИ КИРМАКПАРВАРӢ ДАР АВҶИ ПАЛЛА

Кластери пиллапарварии «Зиёуддин-абрешим»-и ноҳияи Пахтачӣ соҳиби мактаби хоссае мебошад, ки таҷрибаи кории он дар вилоят бештар паҳн мешавад.

Ба корхонаи мазкур раиси кумитаи рушди саноати абрешими ҷумҳурӣ Б. Шарифов, ҳокими вилояти Самарқанд Э. Турдимов, ҳокими ноҳияи Пахтачӣ М. Ҳамдамов ва дигарон ташриф оварда, бо ҷараёни кор шинос шуданд. Меҳмонон ба иқтидори корхона, маҳсулоти содиротӣ, ҳолати омодагӣ ба қабули ашёи хоми саноати абрешим, алалхусус ҳисобу китоб бо кирмакпарварон баҳои баланд доданд.

Кирмакпарварони вилоят ният доранд, ки имсол 3 ҳазору 325 тонна пилла ҷамъ оварда, барои истеҳсоли газворҳои абрешим саҳми арзанда гузоранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# УЗВИ ОИЛАИ КАМБИЗОАТ АЗ ДАРОМАДИ АНДОЗ ОЗОД КАРДА МЕШАВАД

***Солҳои охир дар мамлакати мо пурзўр кардани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва кам кардани нодорӣ ба самтҳои устувори сиёсати давлат табдил ёфтанд. Бо ҷойҳои нави корӣ ва манбаи кафолатноки даромад, ҳамчунин бо шароити муносиби зисту зиндагӣ таъмин сохтани аҳолӣ аз ҷиҳати сифат ба зинаи нав бардошта шуданд.***

Бобати кам кардани нобаробарии иқтисодии байни ҳудудҳо, дар як маром инкишоф додани тамоми ноҳия ва шаҳрҳо аз тариқи ҷорӣ намудани нуқтаи назари нав бо дарназардошти шароити мавҷудаи ноҳия ва шаҳрҳо, салоҳият ва имкониятҳои онҳо ба 5 тоифа ҷудо карда шуд.

Ҳоли ҳозир бинобар тоифаҳои мазкур пешрафти иқтисодии ноҳияҳо мушаххас карда мешаванд. Ба соҳибкорон субсидия, вом ва ҷубронпулиҳо мувофиқи ин тоифаҳо ҷудо мегарданд. Дар натиҷаи ин саъю ҳаракатҳо таи се соли охир бобати кам кардани нодорӣ низоми махсус ҷорӣ карда шуд. Ба ҳар як ноҳияе, ки ба панҷ тоифа ҷудо карда шудааст, бо дарназардошти шароит сабукиҳо дода мешаванд.

Ҳамчунин ҳар сол барои соҳибкории оилавӣ 13 триллион сўм вом ва 1,85 триллион сўм субсидия ҷудо мегардад. Дар натиҷа соли гузашта 1 миллион нафар, дар семоҳаи аввали соли 2023-юм бошад, 210 ҳазор аҳолӣ аз нодорӣ халос хўрданд.

Дар ҷамъомади видеоселекторие, ки бино бар кам кардани нодорӣ ва бо шуғл таъминкунии аҳолӣ таҳти раёсати Президенти кишвар гузаронида шуд, ба масъалаи мазкур эътибори махсус дода, таклиф ва ташаббусҳои муҳим пеш гузошта шуданд.

Ҳамаи мо хуб медонем, ки нодориро танҳо бо маблағдиҳӣ аз байн бардоштан имконнопазир аст. Барои ин дар маҳалҳо бояд бо соҳибкорон ҳамкории судбахш ба роҳ монда, онҳо аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ карда шаванд. Ба мақсади бо шуғл таъмин кардани аҳолӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳибихтисос ташаббуси ба соҳибкорӣ фароҳам овардани имкониятҳои беш аз пеш, аз ҷиҳати молиявӣ рағбатнок сохтани онҳо амали хеле саривақтӣ гардид.

Чунончи, аз 1 июни соли равон барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор мутахассиси соҳибмалака» ба амал ҷорӣ карда мешавад. Дар доираи ин барнома бошад, барои солҳои 2023-2024 дар маҷмўъ 1 миллиард доллар ҷудо гардид. Аз ҳисоби ин маблағ, вобаста ба аҳамияти лоиҳа оид ба касбомўзонӣ ва бо кор таъмин намудани аъзои оилаҳои камбағал, дар фоизҳои ками дарамал ва ба муддати дарозтар вом дода мешавад.

Ғайр аз ин, ба соҳибкороне, ки дар ин барнома иштирок мекунанд, барои андоз имтиёзҳои махсус дода мешавад. Аз ҷумла, агар дар давоми як сол 20 фоиз аъзои оилаи нодор бо кор таъмин карда шавад, соҳибкор аз андози амвол ва замин озод карда хоҳад шуд. Агар узви оилаи камбағал аз андози даромад озод карда шавад, ба соҳибкороне, ки то 5 миллион сўм маош медиҳанд, миқдори андози иҷтимоӣ 2 баробар кам карда хоҳад шуд.

Он чиз боиси эътибор мебошад, ки ба соҳибкорони дар ин барнома иштироккунанда ҳангоми расмикунонии гумрук тартиби «гузаргоҳи сабз» истифода мешавад, барои соҳибкороне, ки ба барнома дохил гардидаанд, бобати бо инфрасохтор, замин ва иншоот таъмин кардан сабукиҳои иловагӣ дода мешаванд.

Дар соҳаи кам кардани нодорӣ ба омўхтани таҷрибаи Чин эътибори махсус дода мешавад, ки бесабаб нест. Зеро ба ин мақсад дар байни Чин ва соҳибкорони кишварамон вохўриҳои амалӣ гузаронида шуданд, бинобар натиҷаи қарордодҳо як қатор шартномаҳо ба имзо расиданд. Дар пояи табодули тарафайни коршиносони соҳибтаҷриба дар 18 самт лоиҳаҳои мушаххас тайёр карда шуданд.

Дар доираи лоиҳаҳои мазкур бошад, бо дарназардошти таҷрибаи Чин дар ҳар як вилоят бобати аз нодорӣ баромадан барномаҳои махсус амалӣ хоҳанд шуд. Дар ин бобат дар ноҳияҳое, ки дар онҳо дараҷаи нодорӣ баланд аст, инфрасохтори роҳу нақлиёт, электр, алоқа ва сайёҳӣ беҳтар карда, ба рушди шаҳрҳои хурду миёна, саноатикунонии маҳаллаҳо эътибори зиёд дода мешавад.

Хулоса, ислоҳотҳое, ки алҳол дар мамлакати мо татбиқ мегарданд, ба таъмин кардани ҳуқуқ ва озодии инсон, розӣ намудани одамон, беҳтар сохтани тарзи ҳаёти халқ нигаронида шудаанд. Агар ба таъбири Президенти кишвар гўем, «Тамоми орзуву ниятҳо, амалҳои хуб, меҳнати пурмашаққат, саъю ҳаракатҳои мо, ки шабу рўз ба амал татбиқ менамоем, барои халқамон мебошад, ки бо умедҳои зиёд аз мо дигаргуниҳои мусбат интизоранд».

**Гулрух АГЗАМОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## ХАБАРҲО

### МЕҲНАТ БО ИСТИРОҲАТ ВА САЁҲАТ ХУБ

***Нафақат масъулони ташкилотҳои касаба ва роҳбарияти идораву муассисаҳои гуногун, айни замон идороти вилоятии Бюрои иҷрои маҷбурӣ барои истироҳати бофароғати ходимон ва пурмазмун гузаронидани вақти холии онҳо саҳм мегузоранд.***

Чунончи, шуъбаи ин бюро дар вилояти Қашқадарё як гурўҳ ходимони пешқадам, собиқадорони меҳнат ва зарбдорони истеҳсолот аз ин қаламравро ба саёҳати шаҳри қадимаю навқирони Самарқанд фиристод. Саёҳатгарон дар навбати аввал ба ноҳияи Пайариқ рўй оварда, ёдгории муҳаддиси бузург Имом ал-Бухориро зиёрат карданд. Тамошои осорхонаи ин маскан ба онҳо таассуроти хуб гузошт. Дар маркази маъмурии вилоят омада, аз майдони Регистон, мадрасаҳои Шоҳи Зинда ва Бибихонум, ҳамзамон аз дигар ҷойҳои ҷолиби диққати Самарқанд дидан карданд.

Саёҳате, ки табъи дил сурат гирифт,бешубҳа, баробари бардоштани кайфият ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати ходимон мусоидат месозад.

### ШАВҚ АГАР РАҲБАР ШАВАД…

***Барои онҳое, ки меҳнат кардан ва даромади кирої ба даст овардан мехоҳанд, дар як қатор мавзеъҳои вилояти Тошканд низ кор ёфтан, яъне ба кишоварзӣ шуғл варзидан мумкин, мегўяд корфармои хоҷагии фермерии «Бизнес ал-Борий»-и ноҳияи Ўртачирчиқ Фаррух Кабиров.***

Аз ҷамъ 16 гектар дар 6 гектар заминҳои кишти ин хоҷагӣ тути заминӣ парвариш карда мешавад. Навъҳои «Чарлӣ», «Изабелла», «Виктория» ва «Корея» ба иқлими ин ҷо созгор ва ҳосилнокӣ зиёд. Деҳқонон асосан онҳое, ки аз вилоятҳои гуногуни ҷумҳурӣ омадаанд. Аз ҷумла, Илҳом Намозов зодаи ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона аст. Дар маҳаллаамон, ки об танқис аст, бо оилаам чанд сол боз дар Ўртачирчиқ зиндагӣ ва деҳқонӣ мекунем, мегўяд вай, дар 25 гектар майдон тути заминӣ парвариш менамоем.

Ҳозир авҷи ғунучини ҳосил. Бо даст дона-дона чидани ҳосил кори осон нест. Дар қатори дигар бонувон – ҳамсари Илҳомака, ки Адиба ном дорад, аз таҳти дил меҳнат мекунад. Ин низ далолат медиҳад барои онҳое, ки бо меҳнати ҳалол нон ёфтан, оилаи худро таъмин кардан мехоҳанд, дар ҳама ҷо дари имкониятҳо боз аст.

### ТАМАШКЗОР ДАР ЗАМИНИ НАВКОРАМ

***Соли гузашта тавассути насосҳои обӣ ба бештар аз 200 метр баландии мавзеи Қайроқи ноҳияи Сўх об бароварда шуд. Тақрибан 1440 гектар замини бекорхобида азхуд ва обёрӣ гашт.***

Наздик 200 гектар майдон алҳол барои кишти тамашк (малина) омода гардидааст. Ба наздикӣ ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров аз ин ҷо дидан кард ва ба деҳқонон, ки бори аввал дар ҳаёти худ ба парвариши ин навъ меваи заминӣ машғул мешаванд, маслиҳат ва супоришҳо дод. Деҳқонон ният доранд байни қаторҳои холии тамашк тарбуз коранд ва аз ҳар ду маҳсулот ҳосили дилхоҳ ба даст оваранд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Таомулҳо*

# НИШАСТ САРИ ЯК ПИЁЛА ЧОЙ

Таърих гувоҳ аст, ки баъди маъмул гардидани нўшокии ташнашикану таскинбахши асаб – чой дар Осиёи Марказӣ, хосатан дар Самарқанду Бухоро, Тошканду Конибодом ва дигар мавзеъҳо ҷойхонаҳо пайдо шудаанд, ки мардум суҳбат ороста, истироҳат намоянд.




Ватани чой Хитой буда, дар он ҷо то имрўз ҳамчун растании доруворӣ парвариш мешавад.

Дар толори «Шаҳри абадӣ»-и Самарқанд бо ташаббуси Донишгоҳи байналхалқии Самарқанд ва як қатор ширкатҳои хусусии чойпарварии Чин анҷумани муштарак зери шиори «Чой, фарҳанг, сулҳ» ба вуқўъ пайваст.

Ректори донишгоҳ, профессор Юсуф Абдулло ҳозиронро хайра мақдам гуфта, доир ба сафари пурсамари сарвари кишвар, Шавкат Мирзиеев ба Хитой ҳарф зад.

Марди донишманди ҷаҳонгашта, бостоншинос Анатолий Ионесов доир ба сафари хеш ба ин мамлакат ва таърихи пайдоиши чой маълумоти шавқангез дод.

Сипас, намояндагони Хитой, Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ ва дигарон тарзи дам кардани чойро намоиш дода, шеъру суруд иҷро карданд.

Сарояндаи самарқандӣ Зулфия Рашидова низ доир ба чой ва дўстии халқҳо аз ҷумла, сурудҳои тоҷикӣ иҷро намуда, таъби ҳозиронро болида сохт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА. хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# КОРҲОИ ОБОДОНӢ ДАР МАКТАБҲОИ СУРХОНДАРЁ

***Дар соли Эътибор ба инсон ва таълими босифат имрўзҳо гурўҳи кории ҳокимияти вилоят бо роҳбарии ҳоким Улуғбек Қосимов дар ҷойҳо вохўриҳои сайёр гузаронида, бо мардум мулоқоти кушод созмон дода, бо тарзи зист ва шароити шаҳрвандон аз наздик ошно гардида, бархе аз муаммоҳоро дар ҷояш ҳаллу фасл месозанд.***

Дар натиҷаи ин чорабиниҳо аён гардид, ки то ҳанўз гирду атрофи 287 макотиби вилояти Сурхондарё дар ҳолати кушод қарор дошта, бо девор иҳота нашудааст. Чунин вазъ доштани мактабҳо аксар вақт ба эътирози ҷамоа – устодону шогирдон ва аҳолӣ, сабаб мегардад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки беиҳота будани мактабҳо ба сифати таълим, одобу ахлоқ ва интизоми хонандагон таъсири беҳад манфӣ мерасонад ва баъзан ба ҳолатҳои нохуш ҳам оварда расонидааст. Барои гирифтани пеши роҳи ин, ё худ баланд бардоштани сифати таълиму эътибор ба ҷавонон ҳокими вилоят аз буҷаи маҳаллӣ маблағ ҷудо намуда, ба мутасаддиёни соҳаи маориф ва сохтмон супориши қатъӣ дод, ки то соли нави хониш 287 мактаби ба рўйхатгирифташуда пурра бо девор иҳота карда шавад. Дар айни замон корҳои ободонӣ оғоз ёфта, бо ҷадал давом дорад.

**Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# БӮКА – 80-СОЛА ШУД

**_Бӯка аз ноҳияҳои аз ҷиҳати хоҷагии қишлоқ пешрафтаи вилояти Тошканд маҳсуб меёбад. Имсол ба ташкил ёфтани он 80-сол пур шуд. Ба ҳамин муносибат дар маркази ноҳия чорабинии фарҳангӣ баргузор шуд. Дар он ҳокими ноҳия Низомиддин Аббосов ҳозирини чорабиниро табрик кард ва дар бораи дирӯзу имрӯзи Бӯка ҳарф зад._**

Бояд гуфт, ки он ҳангоме ки Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ идома дошт, яъне 18 майи соли 1943 дар таркиби вилояти Тошканд ташкил ёфт. Барои ба по хестану рушд ёфтани ноҳия халқи он, ба хусус бобати тайёр кардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ камари ҳиммат бубастанд. Бинобар навиштаи муаллифи китоби «Саҳифаҳо аз таърихи ноҳияи Бӯка» Усмон Ҷӯраев: калимаи «Бӯка» туркӣ буда, маъниҳои «Зӯр, бақувват», «гӯштигир, «паҳлавон»-ро дорад.

– Ҳангоми ташкилёбӣ ба он Ғанӣ Ҳусанов раҳбарӣ кардааст. Тӯли солҳои зиёд Холназаров, Усмандияров, Султонов, Аҳмедов, Солимуҳаммедов, Шайхов, Раҷабов, Эгамбердиев, Исломов, Мамедов, Пирнафасовҳо низ сарвари ноҳия шуда, дар рушди ҷабҳаҳои гуногун саҳми арзанда гузоштаанд, – гуфт ҳокими ноҳия. – Ҳамчунин Қодир Элчибоев, Баҳодир Махситов, Раҳимҷон Обидов, Ҷӯра Миролимов, Неъмат Абдуллоев, Даврон Султонов, Мирзомашраб Куччиев, Худойбердӣ Холбоев, Нӯъмон Избосаров, Бектемир Ибрагимов барин ҳокимон низ дар фаъолияти худ бобати бардоштани салоҳияти иҷтимоиву иқтисодии он саҳм гирифтаанд. Бояд гуфт, ки моҳи марти соли 2019 Президент Шавкат Мирзиёев ба ноҳия, аз ҷумла ба маҳаллаи «Бӯстон» ташриф овард ва барои ба роҳ мондани «5 Ташаббуси муҳим» иқдом гузошт, ки он ифтихори халқи ноҳия мебошад. Солҳои охир бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи зисти аҳолӣ роҳҳои қисми зиёди 44 маҳаллаи ноҳия шағалрез шуданд. Тибқи барномаи «Деҳаи обод» кучаҳо асфалтпӯш, ба хонаҳо оби ошомиданӣ расонда шуданд. Имрӯз дар ноҳия соҳаи аграрӣ пешқадам аст. Ходимони хоҷагии қишлоқ бо маҳсулоти худ дасторхони халқро аз нозу неъмат сероб мегардонанд. Инчунин солҳои охир «Универсал Дайлер», «Агроинвест ТНА», «Бӯка Ричланд Интернешнл», «Бӯка спортс Wiar» ва «Тошкент силк про» барин корхонаҳо фаъолияти худро ба роҳ монда, дар содироти маҳсулоти ноҳия мавқеи худро пайдо мекунанд. Бӯка нафақат дар соҳаи аграрӣ, пахтапарварӣ, ғаллакорӣ, сабзавот, боғдорӣ ва чорводорӣ, балки боз дар ҷабҳаҳои маданият ва варзиш низ пешқадам аст. Ҷавонони соҳибиқтидораш номи онро дар вилоят ва ҷумҳурӣ баланд мебардоранд. Алҳол дар ноҳия тоҷикон, ӯзбекон, русҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, туркҳо ва ғайра ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ барои рушди ҳамаҷонибаи он кору зиндагӣ мекунанд.

Дар чорабинии фарҳангӣ ва бадеии бахшида ба ин сана ҳунармандони шинохтаи ҷумҳурӣ ва санъаткорони маҳаллӣ ширкат ҷуста, табъи иштирокдорони чорабиниро болида сохтанд.

**М. ҚОДИРЗОДА,**
*ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.*



*Дар ҳокимияти вилояти Фарғона соли 2022 барои дар тӯли солҳои 2022-2024 ба амал татбиқ намудани Стратегияи рушди ҳунармандӣ мувофиқи «харитаи амалиёт» корҳои зиёде иҷро шуданд.*

*Ба хусус ба лоиҳаҳои 914 нафар ҳунарманде, ки мехоҳанд ба сифати субъекти соҳибкори нав ба кор оғоз кунанд, аз ҷониби «Бонки халқӣ», «Микрокредитбонк» ва «Агробонк» ба андозаи 35,4 миллиард сӯм маблағи воми имтиёзнок ҷудо карда, 4225 ҷойҳои нави корӣ кушода шуданд. Соли 2023-юм бошад, дар ноҳияи Риштон 4 адад «Маркази ҳунармандӣ»-и ба кулолӣ махсусонидашуда, дар шаҳри Марғилон «Мактаби мисгарӣ ва кандакорӣ», дар шаҳри Қуқанд «Осорхонаи миллии ҳунармандӣ ва маркази сайёҳӣ» бояд ташкил карда шаванд.*

***Дар сурат:** ҳунармандони фарғонагӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# «БИЁМӮЗ ҲАРЧАНД БИТВОНИЁ...»

**_Ба қарибӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба доир ба илму маориф ва таълим, инчунин барои вохӯрӣ ва ошноӣ бо устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ ташриф овард._**

Баъд аз баррасӣ гардидани масоили ҳамкориҳо доир ба соҳоти таълим, бо роҳбарияти донишгоҳ инчунин дар бораи моҳияти Форуми ректорони донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ки моҳи марти соли ҷорӣ таҳти унвони «Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соҳаи таҳсилоти олӣ, фан ва инноватсия ҳамчун асоси рушди иқтисодиёти миллӣ» баргузор шуда буд, ибрози андеша намуданд. Меҳмонон бо устодон ва донишҷӯёни факултаи «Фанҳои гуманитарӣ», аз ҷумла бо гурӯҳҳои тоҷикӣ суҳбат намуданд. Ногуфта намонад, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ дар се факулта гурӯҳҳои тоҷикӣ амал мекунад. Дар факултаҳои филология, методикаи таълими ибтидоӣ ва факултаи таълими томактабӣ қариб даҳ нафар омӯзгорон кор мекунанд ва панҷсад нафар донишҷӯён таҳсил мегиранд.

Дар донишгоҳ барои омӯзиши замонавии донишомӯзон қариб ҳамаи шароит муҳайё мебошанд. Сафир пеш аз ҳама аз шароити фароҳамоварда изҳори хушнудӣ намуда, сониян аз Маркази дӯстии донишгоҳ дидан кард.

**Ҳ. ҲИКМАТОВ,**
**мухбири ҷамоатии «Овози тоҷик».**

# ДОСТОНСАРОӢ АЗ ҚАДИМ РИВОҶ ЁФТААСТ

**_Достонсароӣ ё тавре мегӯянд, бахшигарӣ дар тамаддуни ҷаҳонӣ нақш ва ҷойгоҳи хоси худро дорад. Он ба феҳрасти репрезентативии мероси ғайримодии фарҳангии ЮНЕСКО дохил шудааст. Муддати се рӯз дар шаҳри Гулистон бахшиёни 30 мамлакати дунё ҳунари достонсароиву навозандагии худро намоиш доданд. Дар ин ҷашнвора намояндагони Тоҷикистони ҳамҷавор низ ҳунари худро ба маърази тамошо ва ҳайати доварон гузоштанд. Ҳамсуҳбати мо Кароматулло РАҲИМЗОДА, номзади илмҳои санъатшиносӣ, дотсенти кафедраи таърихи санъат ва назарияи мусиқии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода мебошад._**



– Оид ба таърифи пайдоиши ин достон нуқтаи назари гуногун пешниҳод мешаванд. Достони мазкур дар минтақаҳое паҳн шудааст, ки дар он халқҳои эронизабон (аз ҷумла тоҷикон) ва туркизабон (ӯзбек, қазоқ, озар, туркман) асрҳои зиёд бо ҳам зиндагӣ мекарданд. Ин достон ба номҳои гуногун машҳур гаштааст ва онро мардуми турктабор «Гӯрӯғлӣ» мегӯянд. Дар шаклу номҳои гуногуни миллӣ паҳн шудани ин анъанаи достонсароӣ сабабҳои худро дорад. Достони «Гӯрӯғлӣ» дар мероси мусиқии тоҷикон падидаи муҳим ва нотакрор буда, дар он воқеаҳои афсонавии таърихии халқҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз ифодаи бадеии худро пайдо кардааст, – гуфт К. Раҳимзода.

Вай афзуд, ки эпоси мазкур аз силсилаи 30 достони ба ҳам алоқаманд ташкил ёфтааст ва аз рӯи иҷрои намояндагони мактабҳои гуногуни гӯрғулихонӣ (асосан дар ҷануби Тоҷикистон ва тақрибан 150 нусха) аз ҳам фарқ мекунанд. Миқдори қобили мулоҳизаи достонҳо, ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон, аз ашъори «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зиёдтар аст, ки ба анъанаи хаттии эпикӣ мансуб мебошад. Ҳар як миллат фолклор ё эҷодиёти даҳонии худро дорад.

**– Дар бораи номгузории достони «Гӯрғулӣ», ки онро ӯзбекон «Гӯрӯғлӣ» меноманд, чиҳо метавон гуфт?**

– Ғайр аз мардуми эронитабор достони «Гӯрғулӣ» дар шакლу номҳои андаке дигар дар байни халқҳои туркзабон маъмул аст: Коруглӣ – дар байни озариҳо, Горӯғлӣ – дар байни туркманҳо, Гӯрӯғлӣ – дар байни ӯзбекҳо, қазоқҳо ва амсоли он. Дар ин вариантҳо эпос дар шакли наср, бо замимаҳои алоҳидаи мусиқию поэтикӣ иҷро карда мешавад. Қаҳрамони асосӣ дар анъанаи достонсароии озарӣ писари Кӯрӯғлуи нобино буда, дар Осиёи Марказӣ дар байни мардуми турктабор ин қаҳрамон Гурӯғлӣ номида мешавад, ки номаш ба маънои аслӣ «дар қабр таваллудшуда» ё «фарзанди қабр» мебошад. Баръакси нусхаҳои туркии он тоҷикон онро дар шакли шеърӣ пешниҳод ва пурра бо асбоби мусиқии думбура (дутори хурд) ва бо тарзи махсуси гулӯии «ҳӣ» месароянд. Чунон ки муҳаққиқ Л. Синитсина қайд кардааст, «Тамоми ширинии гӯрғулихонӣ дар овози махсуси гулӯии «ҳӣ» мебошад».

Ба гуфтаи Раҳимзода қаҳрамони марказии афсонавӣ Аваз-баҳодур мебошад, ки корнамоиҳои ӯ асоси анъанаи баррасишавандаро ташкил медиҳанд. Ҳар як образи достон оҳанги ба худ хосе дорад, ки дар ҳамаи дастонҳо ҳамеша ҳамчун «лейт» ё ангезаи асосӣ истифода мешавад. Ин оҳангҳо (зиёда аз сӣ намуд) мавзӯи мушаххас (ҷанг, душманӣ, ишқ, андӯҳ, шодӣ ва ғайра)-ро ифода намуда, дорои хусусияту характери эпикии хос мебошанд. Масалан, оҳанги мақоми «Ҷанг» ҳангоми тасвири амалиёти ҷангӣ ва мақоми «Дар асорат» ҳангоми асир шудан ҳамчун ҳодисаи асосӣ иҷро карда мешавад.

Гуфта мешавад, ки майдони паҳншавии анъанаи ҳамоса бузург аст. Тадқиқотчии машҳури адабиёти тоҷик, ховаршинос И. Брагинский минтақаҳои зерин – Осиёи Миёна (туркманҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо, қароқалпоқҳо, тоҷикон ва арабҳо), Қафқоз (озариҳо, қумиқҳо, арманҳо, гурҷиҳо, абхозҳо), Сибир (тоторҳои Тоболск), Балкан (гагаузҳо), Шарқи Наздик ва Миёна (курдҳо, туркҳо, тоҷикони Афғонистон)-ро минтақаҳои хоси эпикӣ муайян кардааст.

Ба таъкиди олими тоҷик дар дарки асли ташаккули достони Гӯрғулӣ робитаи фарҳангии мардуми эрониназод (аз ҷумла тоҷикон) ва туркзабонҳо аҳамияти махсус дорад.

– Аломати асосие, ки хусусияти миллии достони «Гӯрғулӣ»-и тоҷикиро муайян мекунад, фарқи куллии он аз дигар вариантҳо дар шакли мусиқию назмии он аст. Дар таҳияи ин муқаррарот муҳим ба назар мерасад, ки ин навъи ривояти эпикӣ ба анъанаҳои чандинасраи ҳунарии тоҷикон, ба даврони ҷомеаи фарҳангии эронӣ бармегардад. Муҳаққиқи ин давраи таърихӣ, санъатшиноси маъруфи тоҷик Н. Ҳакимов дар асоси таҳлили маъхазҳои сершумор ба хулосае омадааст, ки дар давраҳои қадим аҷдодони халқи тоҷик бо истифода аз мифологияи бой натанҳо суруду рақсҳои гуногун доштанд, балки давраҳои сершумори эпикиро, ки дар ёдгории хаттии эрониёни қадим – Авесто (ҳазораи II-I пеш аз милод) инъикос ёфтаанд, аз сар гузаронидаанд. Давраи боқимондаи ривоятҳои марбут ба сулолаи Каёниён – сурудҳои гуногун, ки бо номи умумии «фарзандони бузургон» муттаҳид шудаанд, воқеаҳои ҳаётии таърихӣ дар асрҳои 9-7 пеш аз милод дар Бохтарро инъикос мекунанд, – тавзеҳ медиҳад Кароматулло Раҳимзода.

Ба таъкиди Кароматулло Раҳимзода дар таърихи таҳқиқи эпоси тоҷикӣ дар номи он тағйирот ба амал меояд, ки дар баъзе осори давраи муайян аз Гӯрғулӣ то Гӯрӯғлӣ инъикос ёфтаанд. Агар дар солҳои 1930-1950-уми қарни гузашта асосан таърифи аслиро вирди забон мекарданд, дар солҳои минбаъда асосан дар соҳаи илм калимаи «Гӯрӯғлӣ» истифода шудааст. Ба ақидаи К. Раҳимзода комилан мумкин аст, ки дар ин ҷо муносибати муайяни идеологӣ зоҳир шуда бошад. Аммо акнун дар шароити нави давлатдории тоҷикон олимон метавонанд андешаҳои худро дар бораи пайдоиши асолати ин эпос озод баён кунанд.

– Ба унвони мисол аз тағйирёбии муносибат ба номи достон аз далели фолклоршиноси тоҷик С. Фатҳуллоев истифода мебарем, ки соли 2010 дар мақолаи «Гӯруғлӣ не, Гӯргулӣ гӯед» гуфта мешавад, ки номи тоҷикии ин достон аз ду реша: «гӯр»-и тоҷикӣ ва арабии «гул» иборат буда, таъкид мекунад, ки писар дар қабр не («ӯғли»-и туркӣ), балки қаҳрамон таваллуд мешавад ва ҷуссааш низ бузург будааст. Вале солҳои дароз номи достонро «Гӯрӯғлӣ» навиштаанд, – мегӯяд бо такя ба ин фолклоршинос К. Раҳимзода.

Агар аз нигоҳи анъанаҳои эҷодиёти достонсароии тоҷикӣ таваҷҷуҳ кунем, ба чунин натиҷа мерасем, ки бузургҷуссае дар қабр таваллуд шудааст ва номи ӯ «Гӯрғулӣ» аст. Ба шаҳодати К. Раҳимзода олими суханшинос Ғ. Муродов ҳамин мавқеъро ишғол мекунад. Вай дар мақолаи «Решаҳои таърихии достони халқии «Гӯрғулӣ», «Ғайбзод», «Пури гӯр», «Гӯрзод» маънии номи Гӯрғулиро тавзеҳ дода, онро ҳамчун омезиши вожаҳои «гӯр»-у «ғул» ҳисоб кардааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ образи «Пури Гӯр» дар достони мардумии Бухоро ва «Гӯрзод» дар Хуросон номҳои қадимаи «Гӯрғулӣ»-и тоҷикӣ мебошанд.

Мисоли чунин азнавсозӣ афсонаи бостонии тоҷикӣ «Гӯрзод» (дар тарҷума – «дар гӯр таваллудшуда») мебошад, ки ба қавли фолклоршиносоне ба фолклори туркии халқҳои Осиёи Миёна гузаштааст. Бо мурури замон Гурзод ба шакли туркии Гӯрӯғлӣ табдил ёфтааст.

– Олими Афғонистон И. Шаҳронӣ омӯзиши минтақаи паҳншавии анъанаи эпикӣ, бахусус, дар манотиқи алофҳидаи кӯҳистонии Афғонистонро ҷанбаи махсусан муҳим медонад, ки барои равшан шудани масъалаи пайдоиши достон мусоидат мекунад. Муҳаққиқ таваҷҷуҳи худро ба забони иҷрокунандагон – гӯиши дарии форсӣ ҷалб кардааст. Шаҳронӣ дар бораи достони «Гӯрғулӣ» дар хоки Афғонистон маводи зиёде (шаш ҷилд) гирд овардааст. Ӯ қайд мекунад, ки анъанаи қиссасозӣ хеле маъмул буд ва ҳоло дар миёни тоҷикон вуҷуд дорад, – тазаккур дод Кароматулло Раҳимзода.

Вай меафзояд, ки ин олими афғон инчунин ба он таваҷҷуҳ мекунад, ки дар манотиқи Афғонистон ҳангоми иҷрои ҳамоса ба забони тоҷикӣ вожаҳои туркӣ истифода мешаванд. Масалан, дар вилояти Ҷузҷон, ки дар он ӯзбекҳо бештаранд, мисли аспро Қурот (ё дар гузинаи туркҳои қафқозӣ — Қирот) меноманд, аммо дар шакли тоҷикӣ ҳамчун Зайналқир истифода мешавад. Афғонистониҳо вожаи «Бахшӣ»-ро дар робита ба қиссанависони туркзабон (чун дар миёни ӯзбекҳо ва туркманҳо маъмул аст) ба кор мебаранд, аммо достонсароёни тоҷикро «гӯянда» ё гӯрғулихон меноманд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дар чорсӯи зиндагӣ*

# САРГУЗАШТИ ЯК МУСОФИР

Зиндагӣ қонунҳои нонавиштае дорад. Роҳи он якзайл ва ҳамвор нест. Гоҳо ҳамаи орзую ниятҳо ба боди фано мераванду кас мисли санги фалахмон ба ким-куҷо нопадид мегардад.

Солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта пирамарди чорпаҳлӯ, қоматбаланд, кулчарӯи ситорагармро борҳо дидаам. Вақте ки дар боғи Қизилой занҳо суманак мепухтанд, иди Наврӯз барпо мешуд, хурду калон гирди дастархони идона ҷамъ шуда хурсандӣ мекардем. Аҷаб рӯзҳои шодиовару пурфайз буданд он рӯзҳо!

Ва рӯи кати калон мӯйсафедони нуронӣ менишастанд. Дидаам он пирамарди гулкорро.

Вале бо гузашти солҳо дертар донистам, ки ин мард Мамасиддиқ Йӯлдошеви понғозӣ будаанд. Шунидаам, ки ноҳияи Ашт се деҳаи калон доштааст: Ашт, Шайдон ва Понғоз. Хушбахтона, шарикдарсонам – Насибҷон Амонӣ, Нурулло Мирзоматов ва дугонаи марҳумам – Солеҳамоҳ Раҳматуллоева аз ин гӯшаҳои ноҳияи Ашт буданд.

Саргузашти ин мард ғамангез, риққатовар ва ҳам шавқовар аст. Мамасиддиқ соли 1901 дар оилаи мударрис Мулло Йӯлдош таваллуд шудааст. Дар панҷсолагӣ аз модар ҷудо мешавад. Таҳсили ибтидоии диниро аз падараш гирифта, сипас дар яке аз мадрасаҳои Тошканд таҳсилро давом додааст.

Аз таърих маълум аст, ки пас аз соли 1917 давраи хеле нооромм ба вуҷуд омад, табъид, репрессия ва ҳоказо. Мамасиддиқи ҷавон ҳам дар заводи тамокубарории Тошканд кор карда, соҳиби шиносномa гардид ва зуд-зуд ағбаро убур карда, ба зодгоҳаш мерафт, аз аҳволи оилааш хабар мегирифт. Боди сарди табъид ӯро ҳам ором намегузошт. Бадгӯён ба мақомоти дахлдор хабаркашӣ мекарданд, ки ӯ дар мадраса хондаасту илми динӣ дорад.

Ибтидои солҳои 30 бо аҳли оилааш ба мавзеи Уялии водии Вахши Тоҷикистон омаданд, вале зиндагӣ дар он ҷо хеле душвор буд. Чанде дар Душанбе ва дертар ба совхози боғу токпарварии ноҳияи Сариосиё кӯч мебанданд. Пушту паноҳи ин оилаи сарсону саргардон ҳамдеҳаашон Мадумар буд, ки дар Сӯфиён зиндагӣ мекард.

Дере нагузашта Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сар шуд ва тамоми оламро ба ларза овард. Боре ба колхози Янгирӯзғор омада, бо Ҷумъа Пирназаров шинос мешавад ва ба ҳамин ҷо кӯчида меояд. Раис ӯро аз ба ҷанг рафтан бозмедорад. Зиндагии Мамасиддиқу ҳамсар ва фарзандон дар хаскаппа давом мекард. Дар он давра ҳаёти мардуми муҳоҷири аз Фарғона омада ва кӯҳистониён аслан дар заминкану хаскаппаҳо мегузашт. Зеро он солҳо, чунфоне ки падару модаронамон нақл кардаанд, дар ҳудуди Узуну Сариосиё нишонае аз зиндагӣ набудааст. Ҳама ботлоқзору тӯқайзор, макони ҳайвонҳои ваҳшӣ будааст.

Аз хунукӣ ва шароити бад ба бемории домана дучор мегарданд. Ҳамсар ва духтараш вафот мекунанд. Мамасиддиқ бо ду духтар мемонад. Ҳаёти пур аз ғаму дард давом мекард.

***

Дар деҳаи Меҳнат марди ҳофизе бо номи Мулло Назари Хандон мезист. Зани чилуяксолаи ӯ чор писару ду духтарро ятим монда аз олам гузашт. Дере нагузашта Мулло Назар ба баталони коргарӣ равон карда шуд. Тағои кӯдакон – Мулло Саид онҳоро ба оғӯш гирифта сарпарастӣ кард. Як писарро бо номи Абдураззоқ амакаш ба Хуфар бурд. Як духтарро Абдумалик ном сардори ҳамонвақтаи деҳаи Меҳнат ба парастории худ гирифт.

Соли 1946 Мулло Саид ҷиянаш Ҳайитгули ятимро ба Мамасиддиқ никоҳ мекунад ва мегӯяд:

– Духтарам, каме азоб мекашӣ, баъдтар бахтноку тахтнок ва хурсанд мешавӣ.

Ҳамин тавр, бо арӯсаш ва хоҳару додарони вай – Бибираҷаб, Бобосиддиқ ва Абдурозиқ зиндагиро идома доданд.

Мардуми тоҷик ба боғдорӣ шавқи беандоза доранд. Мамасиддиқ бо тақозои тақдир ба деҳаи Хатибқаҳрамон омада ба ниҳолпарварӣ машғул мешавад. Кӯчатҳои себу анор, биҳӣ, хурмо ва гулҳои сурху сафедро парвариш карда, ба мардум медод. Дар он солҳо мардум асосан бо сабзавотпарварӣ машғул буданду боғдории ин мард чандон маъқулашон набуд, гӯё. Ҳатто раиси ҳамонвақта носазо гуфтааст: «Аз ҳазор дона кӯчати ту як бузи қӯтури ман беҳтар». Дертар дар деҳаи Хатибқаҳрамон дар майдони 6 гектар боғи шафтолую анор, дар деҳаи Янгикуч низ боғи себ барпо кард.

Дар ибтидои солҳои 50 талабот ба ниҳоли гул зиёд мешавад. Мамасиддиқ бо ҳамсояаш Абдумӯъмин Набиев бо як ҷомадон анор ба боғи ботаникии Душанбе мераванд ва аз роҳбараш илтимос мекунанд, ки аз гулҳои навбаромади «Глория Дей» ва «Меранди» қаламча диҳад. Вале илтимосашон ба инобат гирифта намешавад. Анорҳо ва 50 сӯм пулро ба як ходими боғ дода, дудонагӣ қаламча мегиранд.

Ҳамин тавр, аз қаламча бо мурури вақт ҳазорҳо ниҳолҳои рангоранг ба вуҷуд меоянд. Мамасиддиқ Йӯлдошев онҳоро барои зебу оро додани замини идораи колхозҳои ба номи Карл Маркс ва Сталин истифода мекунад.

Соли 1961 ба Ангрен кӯч бастанд. Дар он ҷо ҳам бо гулпарварӣ машғул шуданд.

Писари пирамарди раҳматӣ – Сироҷиддин чунин нақл мекунад:

– Ман синфҳои якуму дуюмро дар Ангрен хондаам. Ногоҳ модарам сахт бетоб шуданд. Наздиконашонро пазмон шуда буданд. Танҳо падарам соле як бор ба ноҳияи Сариосиё омада, аз хешу табор хабар мегирифтанд. Бародарам Иброҳимҷон соли 1965 мактабро хатм карда ба Донишгоҳи омӯзгорӣ дохил шуд. Падарам ба модарам гуфт, ки туро ба назди ҷигаргӯшаҳоят мебарам, мусофирии ман кифоя. Ҳамин тавр, оилаи мо боз ба деҳаи Хатибқаҳрамон кӯчида омад.

Дар маркази колхози собиқ «Коммунизм» биноҳои идораи хоҷагӣ ва Хонаи маданият қад кашида буд. Сарвари хоҷагӣ Бобомурод Амонов рӯзе ба М. Йӯлдошев рӯбарӯ шуда, «Қориака, баҳор нагузашта, дар назди идора гул оварда шинонед», гуфт. Ӯ аз Ангрен тухму ниҳоли гулҳои зиёдеро оварда шинонд.

Соли 1971 вазири ҳамонвақтаи хоҷагии ҷангали Ӯзбекистон Ориф Ҳакимов ба хоҷагии ҷангали Узун омада, аз директори он Эшбой Қодиров (рӯҳи ҳар ду шод бод!) хоҳиш мекунад, ки Мамасиддиқ Йӯлдошевро пайдо кунад. Ӯ мегӯяд: «Қориака, мана замини хоҷагӣ, ҳар қадар хоҳед, гиред, кишткор кунеду ба мо 100 ҳазор дона ниҳоли гул тайёр кунед. Дар ҷавоб Йӯлдошев мегӯяд, ки барои ман замин лозим нест. Дар як гӯшаи анорзори деҳаамон замин ҳасту аммо аҷриқ зер кардагӣ. Агар ҳамонро ба ихтиёрам гузоред, бо фарзандон кор мекунам.

Воқеан ҳам ин миқдор ниҳолҳоро бо заҳмати зиёд парвариш карданд, вале хоҷагӣ ба ин оилаи меҳнаткаш ба таври кофӣ ҳақ надод.

Ҳар гоҳ модари фарзандон шавҳарашро мегуфт, ки чаро ҳаққи ҳалоли меҳнататонро талаб намекунед, гӯед, пули ниҳолҳоро диҳад. Вале ӯ сартобӣ мекарду мегуфт: «Ман аз бандааш ҳақ намепурсам, аз пеши худ диҳад, медиҳад, надиҳад, дар қиёмат медиҳад. Зулми золим пеш-пешу оҳи мазлум аз қафо».

Воқеан ҳам, бо вуҷуди он ки заҳмати зиёд кашида меҳнаташро чандон қадр накарданд, аз паси боғдорию гулпарварӣ як оилаи хубе барпо кард, фарзанду набераҳоро нигоҳубин намуд. Муҳимаш, бо меҳнати ҳалол дар дили мардум ҷой гирифт. Ин инсони нек моҳи июни соли 1985, дар моҳи Рамазон аз олам гузашт. Ёдаш ба хайр!

Ҳаёт давом дорад. Кӯҳна ҷои худро ба нав медиҳад. Ба ҷои биноҳои солҳои шастуму ҳафтодум иморатҳои хуби замонавӣ қад рост мекунанд. Ҳоло дар деҳаи Янгибоғ идораи колхози «Коммунизм»-и собиқ ва Хонаи маданият мавҷуд нест. Шояд осорхона ҳам аз байн бардошта шавад. Вале ёди инсонҳои некро оё метавон фаромӯш кард? Ҳаргиз!

Мамасиддиқ Йӯлдошеви понғозӣ, ки яке аз ҳазорон барпокунандагони зиндагии нав дар замони худ буд, аз хотираҳо сутурда намешавад. Ӯро миёни гулҳо, даруни боғҳо тасаввур мекунам. Хаёл мекунам, ки зиндагии ӯ худ як таърих аст. Таърихи як марди саргардони тоҷик...

**Ӯғулой ҶӮРАБОЕВА,**
ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.



Голибони олимпиада

# РОҲ БА СӮИ ҒАЛАБА

Гӯё дирӯзакак буд. Шодравон Равзатулло Бобомуродов – шахси зиндадилу хушгуфтор, инсоне, ки аз суҳбаташ серӣ надоштед, дар яке аз рӯзҳои охири моҳи августи соли 2012 чун ҳамеша бо чеҳраи пур аз табассум ба ҳавлии мактаби таҳсилоти умумии рақами 29-уми ноҳияи Сариосиё ворид гардида, бо сарвари таълимгоҳ, устоди варзидаи фанни забону адабиёти тоҷик, рӯзноманигор Турдиқул Ҳасратов ва чанд омӯзгори дигар, ки дар он ҷо ҳузур доштанд, гарму самимӣ ҳолпурсӣ намуд ва изҳор дошт, ки набераош Сония имсол ба мактаб меояд ва хуб мешуд дар синфи Нормурод Зарифов – омӯзгори соҳибтаҷрибаи синфҳои ибтидоӣ таълим бигирад. «Зеҳни хуб дорад, чандин шеър аз ёд кардааст, то 100 шумурда метавонад», – гуфта буд ӯ бо як навъ ифтихор ва эҳсоси дӯстдорие, ки бобо нисбат ба набераи худ дорад...

Ҳоло аллакай аз байн ёнздаҳ сол гузашт. Дар ин миён марги беамон Равзатулло Бобомуродовро дар синни 59 ба таври ногаҳонӣ аз байн бурд. Ӯ, ки мутахассиси маълумоти олидор, шахси бофарҳангу адабпарваре буда, солҳои зиёд дар вазифаҳои гуногуни роҳбарии собиқ хоҷагии ҷамоавии ба номи Искандар Диёров фаъолият дошт, мехост, ки фарзандону наберагонаш низ таълиму тарбияи хуб бигиранд.

Моҳи марти соли 2014, вақте ки бобои дӯстдораш аз дунё гузашт, Сония ҳамагӣ нӯҳ сол дошту дар синфи дуюм таҳсил мекард. Марги ногаҳонии бобои меҳрубон, ки ҳар шому саҳар ӯро навозишҳо карда, инчунин аз дарсҳояш пурсон мешуд ва таъкид менамуд, ки фақат бо баҳои аъло хонад, ба Сонияи хурдсол сахт таъсир кард. Чанд муддат ошуфтаю парешонҳол гардид. Падару модар, бибию амакҳояш ӯро таскин дода мегуфтанд, ки агар хоҳад, рӯҳи бобояшро шод гардонад, бояд насиҳатҳои ӯро ба ҷо орад, аъло хонад, оқилу доно бошад...

Сония худро ба даст гирифт, дар дили кӯчакаш аҳд намуд, ки албатта, бо баҳои аъло мехонад, боақлу тамиз, оқилу доно мешавад, чунонки бобояш мехост, оянда дар донишгоҳ ҳам таҳсил мегирад. Падараш Иброҳим, модараш Гулрухсор, ки ҳарду ҳам ҷавонони таҳсилдида ва дорои маълумоти олӣ (яке агроному дигар омӯзгор) мебошанд, барои таълиму тарбияи мукаммал гирифтани фарзанди худ тамоми шароитҳоро фароҳам оварданд. Ба Сонияи ҷӯёи илму дониш ба ҷуз аз китобҳои дарсӣ дигар китобҳои дилхоҳашро низ, яъне адабиёти бадеӣ, луғату маълумотномаҳои гуногунро бо нархи гарон ҳам бошад, ёфта оварда медоданд.

Устоди нахустини Сония Нормурод Зарифов – муаллиме, ки таҷрибаи бисёрсолаи омӯзгорӣ дорад ва дар миқёси ноҳия чун яке аз беҳтарин омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ шинохта шудааст, қобилияту истеъдоди ин шогирди хурдсоли худро аз рӯзҳои аввали ба мактаб омаданаш дарк намуда, бо ӯ машғулиятҳои иловагӣ низ мегузаронд. Ҳам дар дарс ва ҳам дар маҳфилу чорабиниҳои мактабӣ Сония ҳанӯз дар синфҳои ибтидоӣ аз беҳтаринҳо буд.

Аз синфи панҷум сар карда дарси забон ва адабиёти тоҷики синфе, ки Сония дар он таҳсил мекард, ба зиммаи омӯзгори тоифаи олӣ, устоди пуртаҷриба Ҳабиба Ёрова вогузор шуд. Муаллима Ёрова, ки ҳамасола шогирдонаш дар озмунҳои фаннӣ фаъолона ширкат варзида, натиҷаҳои баланд ба даст меоваранд, қобилияту истеъдод ва ғайрати зиёди Сония ва чанд нафар ҳамсинфони дигари ӯро дида, онҳоро берун аз дарс ба маҳфили адабии «Сеҳри сухан» ҷалб намуд. Дар андак вақт бо раҳнамоии муаллима Сония туфайли саъю кӯшиши пайваста ва мутолиаи зиёд пешқадамтарин узви ин маҳфил гардид. Дар мактаб ягон маҳфилу чорабинӣ набуд, ки бе иштироки Сония гузарад.

Баҳори соли 2021, вақте ки нависандаи шинохтаи тоҷик, муаллифи чандин китоби насрӣ, ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Равшани Махсумзод, ки дӯст ва ҳамсабақи Т. Ҳасратов аст, ба мактаби 29-ум омад, аз гирумони Сония ва чанд нафар шогирдони дигари мактаб, ки андешаҳои худро оид ба қиссаву ҳикояҳои нависанда иброз доштанд, ба ҳайрат омада таъкид намуд, ки имрӯз ҳатто дар мактабҳои пойтахти Тоҷикистон чунин донишомӯзони китобдӯсту суханварро ёфтан мушкил гардидааст.

Сония аз соли хониши 2021-2022 дар озмуни фаннӣ аз забон ва адабиёти тоҷик дар ноҳия ва вилоят бо дарёфти холҳои баландтарин мақоми аввалро ишғол мекунад. Солҳои гузашта буданд нафароне, ки ба муваффақияти ӯ бо назари шубҳа менигаристанд. Ин гуна ашхос ҳатто фаҳмидан намехостанд, ки озмун ниҳоят шаффофу холисона мегузарад ва ҳакамон бо мизони адолату инсоф кори ҳар як иштирокчиро нуктагирона месанҷанду баҳогузорӣ мекунанд.

Ва ниҳоят рӯзҳои 15-16-уми майи соли равон дар даври ниҳоии озмуни асосии донишомӯзон, ки дар вилояти Фарғона баргузор шуд ва дар он аз нӯҳ вилояти ҷумҳурӣ 27 нафар донишомӯзони синфҳои 11-ум иштирок намуданд, Сония Равзатуллоева бо дарёфти натиҷаи баландтарин – 83,6 хол сазовори ҷои аввал даниста шуд. Ҳайати ҳакам, ки асосан аз ноҳияҳои водии Фарғона таркиб ёфта буданд, мунсифона Сония ва ду нафар шогирдони дигар мактабҳои ноҳияи Сариосиёро аз беҳтарин иштироккунандагони озмуни имсола донистa, дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар ин бобат фикри худро иброз намуданд.

Мо Сония Равзатуллоева, устоди ӯ Ҳабиба Ёрова ва дӯсту бародари гиромӣ, сарвари таълимгоҳи рақами 29-уми ноҳияи Сариосиё Турдиқул Ҳасратовро бо ин комёбии назаррас табрику таҳният намуда, хоҳони муваффақиятҳои бештари онҳоем.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Дар Бухоро марҳилаи вилоятии озмуни «Беҳтарин мактабе, ки забонҳои хориҷӣ меомӯзонад», ки барои соҳибшавӣ ба ҷоизаи Президенти ҷумҳурӣ эълон гардидааст, ҷамъбаст шуд.*

# «БЕҲТАРИН МАКТАБЕ, КИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИРО МЕОМӮЗОНАД»

Маросими тантанавии тақдирномаии ғолибони ин озмун дар мактаби таҳсилоти умумии 43-юми шаҳри Бухоро сурат гирифт. Дар давоми тадбир ҷамоаҳои 13-то мактаби вилоят дар ҷараёни тест ва корҳои хаттӣ иштирок намуда, дониши худро аз санҷиш гузарониданд. Сатҳи забони хориҷидонии ҷамоаҳо бо низоми баҳогузории 100 холӣ муайян карда шуд. Бинобар ҷамъбасти ниҳоӣ мактаби рақами якуми ихтисосонидашудаи давлатии таълими ҳамагонии ноҳияи Бухоро ба натиҷаи баландтарин ноил гардида, ҳуқуқи дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмун иштироккуниро соҳиб шуд. Ҷамоаи мактаби таҳсилоти умумии рақами 1-уми ноҳияи Қаравулбозор соҳиби ҷои дуюм, ҷамоаи таълимгоҳи таҳсилоти умумии рақами 9-уми шаҳри Коғон сазовори ҷои сеюм гардиданд. Ҳамин тариқ, ҷамоаҳои мактабҳои ғолиб – соҳиби ҷои якум бо 250 млн. сӯм, сазовори ҷои дуюм бо 200 млн. сӯм, муносиби ҷои сеюм бо 150 мил. сӯм ваучер ва ифтихорномаҳо тақдир ёфтанд.

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

*Дар мактаби ихтисосонидашудаи ноҳияи Коғони вилояти Бухоро марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни фанҳои асосӣ: физика, кимиё, биология поён ёфт. Дар ҷараёни санҷиш 9 нафар ғолибони озмун муайян гардиданд. Дар охири тадбир маросими ҳавасмандгардонии ғолибон ба амал омад.*

Ба онҳо диплом ва ваучерҳоро сардори садорати таълими томактабию мактабии вилоят Фаррух Қурбонов ва масъулони вазорат супориданд. Талабагони ғолиб мувофиқи қарори Девони Вазирон соҳиби мукофотҳои пулӣ ва имтиёзи дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ мешаванд. Инчунин, омӯзгорони онҳо низ соҳиби мукофоти якдафъаинаи пулӣ (ҷои якум 16,5 млн сӯм, ҷои дуюм 11,55 млн сӯм ва ҷои сеюм 9,9 млн сӯм) мегарданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# МАҲФИЛЕ ДАР МАКТАБИ ДЕҲ

***Ислоҳоте, ки дар сартосари кишварамон ба амал татбиқ мегарданд, ифодагари мақсадҳои нек, мисли фаровонҳолии мардум, дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон, таъмини ояндаи дурахшони насли наврас мебошад.***

Ҳоло дар миқёси мамлакатамон баргузор намудани чорабиниҳои маънавиву маърифӣ, аз ҷумла вохӯрӣ бо намояндагони илму адаб ба ҳукми анъана даромадааст, ки ҷиҳати васеъ гардондани олами маънавии ҷавонон ва донишу малакаи онҳо нақши муҳим мебозад.

Чунин чорабиниҳо таърих, имрӯз ва ояндаро дар худ таҷассум намуда, ҳамаи иштирокдоронро водор месозад, ки барои ободии Ватан, рушду нумӯи он саъю кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Яке аз чунин вохӯриҳо ба наздикӣ дар мактаби рақами 44-уми ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд баргузор шуд, ки иштирокдорони он хонандагони мактабҳои миёнаи ноҳия ва роҳбару омӯзгорону профессорони гурӯҳи ташаббускори рушди таълими мактабии литсейи академии назди Донишкадаи педиатрияи Тошканд буданд.

Дар доираи вохӯрӣ аз фанҳои математика, кимиё ва биология олимпиадаи дохилӣ баргузор шуд.

– Мақсад аз баргузор намудани чунин чорабинӣ муайян намудани хонандагони боистеъдоди мактабҳои деҳот, дар оянда аз байни онҳо омода кардани кадрҳои босалоҳияту бомалака мебошад, — гуфт директори литсейи академии назди Донишкадаи педиатрияи Тошканд Ортиқ Эшонқулов, – ҷараёнро таҳлил намуда, ба хулосае омадам, ки хонандагон аз чунин вохӯрӣ таассуроти зиёд бардоштанд, дар қалби онҳо нисбат ба касби духтурии бачагон меҳри зиёд пайдо шуд.

Умедворем, ки бештари хатмкунандагон барои идома додани таҳсил литсеву донишкадаи мазкурро интихоб хоҳанд намуд. Ҳоло натиҷа гирифтем, ки барои санҷидани дониши хонандагон ва ташаккул додани ҳисси эътимод дар онҳо баргузор намудани олимпиадаҳои фаннии дохилӣ зарур аст.

Дар хотимаи чорабинӣ ба ғолибон ва иштирокдорони олимпиада тухфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳо супурда шуд.

**Н. НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар мактаби бачагонаи «Насли баркамол»-и ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бинобар самтҳои «Ҳунармандӣ ва меҳнати дастӣ», «Тарроҳии техникӣ ва моделсозӣ», «Сайёҳӣ ва экология», «Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», «Маданият ва санъат», «Таълими олӣ ва тайёрии томактабӣ», ҳамчунин омӯзиши забонҳои хориҷӣ 65 маҳфил фаъолият доранд. Дар маҳфилҳои мазкур 2097 хонанда ҷалб шудаанд.*

*Ҷамоаи мактаб моҳи августи соли гузашта дар лоиҳаи «Буҷаи ташаббускор» фаъол иштирок намуда, ба мақсади мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникии мактаб ба гирифтани 500 миллион сӯм муваффақ шуд. Алҳол аз ҳисоби ҳамин маблағ хонаҳои машғулоти мактаб бо техника ва таҷҳизоти замонавӣ таъмин мешаванд. Ғайр аз ин аз ҷониби созмонҳои васоятгар ба маҳфилҳо адабиёти нав, анҷомҳои варзишӣ, асбобу ускунаҳои зарурӣ пешкаш мегарданд.*

***Дар сурат:*** *дар мактаби бачагонаи «Насли баркамол»-и ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).***

# ЭТНОФЕСТИВАЛИ «ҶИЛОИ ПАНҶ ҚИТЪА» БАРГУЗОР ШУД

***Дар маҷмӯаи «Шаҳри абадӣ»-и Маркази байналмилалии сайёҳӣ этнофестивали «Ҷилои панҷ қитъа» гузаронида шуд.***

Чорабинӣ бо асари саҳнавии ҳунарпешагони Театри драмаи мусиқии вилоят, ки аз таърихи Самарқанд нақл мекунад, оғоз гардид. Инчунин, дар ҷашнвора баромадҳои намояндагони марказҳои миллӣ-фарҳангии вилоят пешкаши ҳозирон карда шуд.

– Бори дуввум меҳмони шаҳри Самарқанд мешавам, – гуфт сайёҳи ҳиндустонӣ Суҳан Гопал. – Аз ин нӯҳ сол муқаддам ҳамроҳи дӯстон омада будам. Ҳоло бо оилаи худ омадем. Қиёфаи шаҳр комилан тағйир ёфта, ободу зеботар гардидааст. Аз тамошои маркази нави сайёҳӣ чашми кас меболад. Дар доираи сафар аз этнофестивал дидан кардем. Дар ин ҷо бо урфу одат ва анъанаҳои намояндагони миллатҳои гуногун шинос шудем.

Иштирокдорони тадбир ва сайёҳон баромад ва сурудҳои ансамбли фолклории «Бешқарсак»-и ноҳияи Ургутро бо кафкӯбиҳо истиқбол намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Зикри хайр

# «ТАНАМ ДАР ТИРАМОҲУ РӮҲ ДАР БАҲОРОН...»

*«Ай бевафо дунё! Аё фалаки золим! Эй замини сиёҳи бераҳм, ки фарзандони худро калон кардаву ба воя расонда ва дар авҷи масаррат дубора ба коми худ мекашӣ!.. Имрӯз ман аз шумо шикоят дорам...»*

***Беназир Муҳаммад (Зариф Султонӣ)***

Шоир ва адиби ҳамзабони мо Зариф Султонӣ расо панҷ моҳ пеш аз ин – 8-уми январи соли 2023 аз бемории саратон ҷон ба Ҳақ таслим намуд ва кунун ҷисми лоғари ӯ дар як кунҷи мазори деҳаи Тиргарони ноҳияи Сариосиё дар оғӯши хоки сард қарор дорад. Кайҳост, ки дар рӯи қабри ӯ сабзаи нав руста, ҳарчанд вақт зиёдтар мегузарад, аламу ғуссаҳои фироқ бештар эҳсос мегардад. Навиштаи зер аз як дидори пур аз оби чашм, ки ду-се рӯз пештар аз реҳлати шоир иттифоқ афтода буд, рӯи коғаз омадааст. Ҳоло ёде аз он азиз карда, аз Худованд ободии охирати марҳумро хоҳонем.

***

Дар як кунҷи хонаи васеъ рӯи рахти чӯбин Зарифи шоир хоб аст. Шоире, ки меваи ширини ду тоҷики деҳотӣ буда, аммо баъдтар дасти муҳити зӯрмандқанди порсӣ аз даҳонаш рабудаву бо пинуи туркӣ комраво намудааст! Зариф Султонӣ, мутахаллис ба Беназир Муҳаммад таҳкурсии қавие аз хишти пухтаи порсии тоҷикӣ дошт ва маҳз ҳамин фаҳму дониш боис гардид, ки ба забони ӯзбекӣ бофасоҳат шеърҳо офарад ва ихлосмандони шайдое пайдо созад.

Ману шоир Эркин Муқим, сардабири рӯзномаи «Сариосиё ҳақиқати» Абдурайим Раҳмонов ва котиби масъули ин рӯзнома Солеҳи Муҳаммадҷон ба аёдати Зариф Султонӣ рафтем.

Хонаи шоир гармакак, аммо дар оғози фасли зимистон накҳати шеър надошт. Бӯйи гуна-гуна дорувор ба машом мерасид аз хобҷои ӯ. Рӯи мизе ҷаъбаи давоӣ мехобид, ки даҳонаш кушода ва аз лабаш барои шифои бемор истифода кардаанд. Ҳарчанд дар рӯи хон чандин навъи хӯрданӣ гузоштаанд, бемор ҳатто ба он неъмат нигоҳе намеафканад, бо дарди худ машғул аст ӯ. Ғизояш акнун ҳамин дорувор аст! Ду хат найчаи резинӣ аз қаъри вуҷудаш рутубату зардоби тани ӯро берун мекашанд. Устои азал ӯро дар бистар чунон мехкӯб карда, ки фикр мекунӣ, муҳол аст сари пой ояд, мисли пешин ба тафарруҷи боғ равад, аз навозиши Офтоб баҳра гирад, аз парвози шоҳпаракҳо завқ барад, аз хироми мурғакон шод гардад, илҳом ёбаду як-ду мисраъ рӯи варақ фарорад. Шоир дар авҷи камолот дучори маризии саратони рӯда гардида буд, ки ҳоло вуҷуди ӯро мавиз барин хушк карда буданд.

– Чанд лаҳза пеш сӯзандоруи оромбахш гузаронидем, – мегӯяд бародари хурдиаш Шариф. – Морфин, уколи таскиндиҳанда! Дигар навъи дору таъсир намекунанд. Дарди акаҷонам хеле зӯр..., – ғамгин сар такон медиҳад ӯ ва дида нам мекунад. Ба дили мо низ як пора ғам менишинад.

Болояшро бо кампали хушгуле пӯшондаанд. Аз таки он танҳо сурати лоғари шоир намудор аст. Ман, ки овозашро шунидаам, номаҳояшро хондаам, аммо ба ҷуз расмаш худашро дар ҳаёти воқеӣ надида будам ва дар тасаввурам мондааст, ки ин дӯсти ман басо зебо буд. Як марди хушсурати бандболое буд. Чашмони нигоҳашон гарм, забони ширин, атвори ҳамидае дошт. Абрӯвони қиргунаш ба соири аъзои ӯ мутаносиб афтода буданд. Афсӯс, вуҷудаш ҳоло аз равнақ мондаву кӯҳнаколоеро дар зеҳнҳо бедор месохт; дидагони як замон шӯхаш фурӯ рафтаанд, ожангҳои рӯяш хоно ва симтӯри корношоям барин метофтанд...

Вайро ман чун Зариф Султонӣ шинохтаам. Шоир ва мутарҷими бомаҳорат Одил Икром мо – ду қаламкаши парвардаи обу хоки як воҳаро ба ҳам шинос карда буд. Ба ман ду ҳикояти Зарифро фиристодаву хоҳиш намуд, ки ба тоҷикӣ тарҷума кунам. Ман насри Зарифро ба сони шеъре мехондам, ки сохтори қавие дошт, андешааш ғолибан бӯйи тоҷикӣ медод. Ин хел ман зуд мафтуни ин ҳарфу ҳиҷоҳо гашта, он навиштаро ба забони модариамон тарҷима кардам. Зариф низ хондаву шод гашт. Пажӯҳандаи хубе аст ӯ. Забони чакидаи хомаи Зариф Султонӣ ҳар хонандаро мафтун месозад ва дарунмояи ин асарҳо басо ҷолиб ва реша дар адабиёти ғании форсии тоҷикӣ доранд. Ин аст, ки ба хонандаи тоҷик писанд хоҳад омад.

Зариф Султонӣ дар деҳаи Тиргарони ноҳияи Сариосиё соли 1972 ба дунё омадаву мактаби рақами 7-ро то синфи ҳашт хондааст. Баъд ба мактаб-интернати рақами 66-уми ноҳия гузашта, он ҷоро бо шаҳодатномаи аъло хатм кардааст. Орзуҳои ҷавонӣ вайро ба пойтахт раҳнамун гаштанд. Вай бо нерӯи дониши худ ба факултети журналистикаи Донишгоҳи ба номи Мирзо Улуғбеки Тошканд дохил шуд. Дониши фароҳаш аз назари устодон дур намонд ва бо тавсияи онҳо чун узви дастаи «Ниҳолҳои умед» чандин соли таҳсилро дар Донишгоҳи Эгейи Измири Туркия идома дод. Соли 1995 аввалин қаламиҳои худро гирд оварда, бо номи «Китоби беном» ба нашр расонид. Шоири ҷавон як муддат дар гиру мадори замонаи ҳарина худро бохтаву парешонҳол мегардад. Андешаҳои ӯ ба сиёсати давр созгор набуданд ва ин боиси ноомади кораш гашта буд. Баъдтар дар ширкате ба сони тарҷумон гузашта, як муддат нафақаи рӯзгор пайдо кард. Ҳарчанд дили ҳассоси шоир гирифтори ғаму андӯҳи гароне буд, аммо ҳаргиз даст аз эҷод нашуст, пайваста шеърҳои хубу хонданӣ менавишт ва аламми дилро ин тавр ба қалам медод. Нодириҳо дигар имкон надоданд, ки чакидаи хомаи худро дар шакли маҷмӯае ба дасти хонанда биспорад. Шоир Одил Икром аз шеърияти баланди Зариф огоҳ шуда, барои нашри маҷмӯаи нави ӯ ҳисса мегузорад. Ин замоне иттифоқ афтода, ки шоир аллакай сиҳатии худро бой дода, пайваста дар ғами барқарории он медавид. Хушбахтона дӯстону алоқамандони ашъораш ба қарибӣ маҷмӯаи нави вайро бо номи «Сурудҳои беоҳанг» аз тариқи нашриёти «Академнашр» чоп карданд. Дар он шеърҳои тозаэҷоди шоир, тарҷумаҳо ва ҳикояҳо аз силсилаи «Номаҳо аз биёбон ба гулхона» ҷой гирифтаанд. Ин силсиларо банда ба тоҷикӣ тарҷума кардаам. Ҳоло боз чанд китоби Зариф дар дасти чоп аст. Вайро пас аз муроҷиати дӯстони ҳамдил, пайвандони баоқибат ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфтанд. Сироҷиддин Саид, шоир ва раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Зарифи акнун беморро тавассути телефон табрик ҳам гуфт. Ба гуфтаи бародари хурдиаш Шариф, ки мунтазам дар хидмати бемор аст, дӯсти мо – Зариф Султонӣ шаш моҳ пеш ҷарроҳиеро паси сар карда, бо аҷали муаллақ дастдаргиребон аст...

Имрӯз ҷои ӯ дар байни мо холист. Ҳарчанд бебозгашт ба олами фано рафтааст, аммо ному ёди накӯяш дар дилҳои аҳли сухан боқӣ хоҳад монд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Маркази миллӣ-мадании тоҷикон ва форсизабонони вилояти Самарқанд нисбати вафоти номзади илми санъатшиносӣ

**Атохон АҲРОРОВ**

ба аҳли хонавода ва қарибони марҳум таъзия баён менамояд.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4620 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.